"ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ"
Ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" доктори илмҳои таърих, профессор

_______________ Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.

« 4 » сентябри 2020с.

# ХУЛОСАИ

**Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсияи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна дар мавзӯи «Имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар асоси маводҳои забони хориҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси !3.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна дар мавзӯи «Имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар асоси маводҳои забони хориҷӣ)» дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба анҷом расидааст.

Турсуматова Р.А. соли 2006 факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро бо ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Дар давраи таълифи диссертатсия Турсуматова Р.А. ба сифати муаллимаи кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият бурдааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Турсуматова Р.А. соли 2020 аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии

“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович, тайин шудааст.

**Аз натиҷаи муҳокимаи диссертатсия чунин қарор қабул карда шуд:**

Мубрамияти мавзӯи диссертатсонӣ бо тағйирот ва талаботҳое, ки дар низоми муосири маорифи ҷумҳурӣ ба вуқӯъ омадааст робитаи ногусастанӣ дорад, зеро аз сифати сиёсат дар соҳаи маориф некӯаҳволии миллат, давлат, сатҳи рушди соҳаҳои иқтисодиёт, фарҳанг, ҷомеа ва сиёсат алоқаманд мебошанд.

Дар марҳалаи ҳозира самти афзалиятноки рушди низоми маорифи давлати моро гузариш аз парадигмаи кӯҳнаи пешниҳод намудан(ахборотдиҳӣ) ба парадигмаи нави омӯзишӣ (ташаккул додани салоҳиятнокӣ) ташкил медиҳад. Муносибати марбут ба салоҳиятнокӣ яке аз ҳадафҳои мақсадноки низоми миллии маорифи кишвар мебошад.

Вобаста ба ин, вазифаи асосии омӯзгори имрӯза интихоби дурусти методу шаклҳои ба роҳ мондани фаъолияти таълимиест, ки ба ҳадафи гузошташудаи инкишофи шахсияти мактаббачагон ба ваҷҳи беҳтарин ва самарабахш мувофиқат дошта бошад.

Дар шароити муосир зарурати бознигарии шакл, методу воситаҳои таълим ба миён меояд. Дар ин маврид на танҳо оид ба технологияҳои нави иттилоотии таълим, балки дар бораи методҳои дар марҳилаи имрӯзаи ислоҳоти маориф мубраме низ сухан меравад, ки ба онҳо таълими ба амалия тамоюлдошта маҳсуб мебошад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Турсуматова Р.А. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии

таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи асосӣ, феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола "Асосҳои назарӣ ва методологии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон" масъалаҳои муаммои асосҳои илмӣ-педагогӣ ва назарии таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон; шакл ва модели(амсилаи) раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон; имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон мавриди таҳқиқ гардидааст.

Дар боби дуюм "Технологияи педагогии амалигардонии таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон" масъалаҳои хусусиятҳои ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон; методҳои ташхиси ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон; самаранокии маърифатии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, бо мақсади муайян намудани роҳу воситаҳои самаранокии технологияи ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ баргузор ва натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф ба чунин **навгонии илмии таҳқиқот** соҳиб гардидааст, ки дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

- -мафҳуми «таълими ба амалия тамоюлдошта» таҳқиқ ва мушаххас гардидаанд;
- модели ташкили раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон таҳия карда шудааст;
- имконоти педагогӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда ва ба таври экспериментали санҷида шудаанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо самаранокии раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамояд;
- мавзӯҳои фанҳои гуманитарӣ, ки ба тадбиқи раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагонро мусоидат мекунад, аниқ карда шудааст.

Ба таври умум, унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои самараноки татбиқи таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагонро ба таври амиқ таҳқиқ намояд ва хулосаҳои ҷолиби диққатро коркард намояд.

Дар қисмати ҷамъбастии рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон, усули дарёфт ва татбиқи роҳ ва воситаҳои пешқадами амалигардонии ин раванд ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати таълим ва рушди маърифатии хонандагон саҳми арзишманд гузорад.

Таҳқиқоти Турсуматова Р.А. ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу ҷамъбасти

таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳҳо таҳия ва омода гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи муаллифи рисола оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

**Боэътимодӣ ва асоснокии** натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он барои тартиб додани барномаҳои нави таълимии рушди раванди таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон дар шароити низоми нави таҳсилот; коркарди мундариҷаву методикаи таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон; дар таъминоти педагогии раванди омодагии омӯзгорон оид ба ташаккули донишу малакаи хонандагон тавассути ташкили раванди самараноки таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон истифода шаванд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

**Саҳми шахсии диссертант аз инҳо иборат мебошад:**

-дар асоси таҳлили назариявӣ ва натиҷаи корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва муқоисаи онҳо бо маълумоти муҳаққиқони дигар консепсияи мушахасс вобаста ба дарёфти имконоти педагогии амалигардонии таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон таҳия гардидааст;

-имконот ва омилҳои самараноки амалигардонии таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон дар низоми таҳсилоти мактабӣ муқаррар гардидааст;

-натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои аз лиҳози илмӣ боэътимод оид ба такмили сифати амалигардонии таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон ба таври мушаххас коркард шудаанд;

- натиҷаҳои таҳқиқот ва маводҳои он дар семинару конфронсҳои илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба сифати маърӯза муаррифӣ гаштаанд.

**Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ** ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланд ва арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснокканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 10 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Пешниҳод ва хулосаю тавсияҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия коркардшуда, метавонанд ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои самаранок татбиқ намудани роҳ ва усулҳои пешқадами ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон заминаи мустаҳками илмӣ-таълимӣ ва методӣ гузоранд.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дар конференсияҳои илмӣ-назарии байналмиллалӣ, ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Турсуматова Р.А. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

**Қарор карда шуд:**

Кори диссертатсионии Турсуматова Раъно Аҳмадҷоновна дар мавзӯи «Имконоти педагогии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар асоси маводҳои забони хориҷӣ)» рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 “Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 -– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” –12 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” –нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (суратҷаласаи №1 аз 28 августи соли 2020).

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Элмуродова Садбарг Худойназаровна

28 августи соли 2020.

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1.тел.(+992)927233378. почтаи элек.: Sadbarg_68@br.ru вебсайт: www.hgu.tj

Имзои С.Х.Элмуродоваро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.